# ХУЛОСАИ

**комисссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.**

Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна ба омӯзиши номшиносӣ (юн. onom - “ном”) илм роҷеъ ба омӯзиши номҳо буда, вобаста ба самти таҳқиқ ба ҷузъҳои антропонимика - омӯзиши номҳои одамон, топонимика илм оид ба омӯзиши номҳои ҷуғрофӣ, оронимика ва спелеонимика - омӯзиши номи кӯҳ, теппа, дашт, гидронимия - омӯзиши дарё, баҳр, омӯзиши номҳои ҷирмҳои осмонӣ ва ғайраҳо ҷудо гардидаанд. Воқеан муаллиф дуруст қайд намудааст, ки агар омӯзиши паҳлуҳои тамоми масоили номшиносӣ аз диди таҳқиқотиро назар созем, мебинем, ки ҳама мавзуъҳои он дар як сатҳ омӯхта нашудаанд. Масъалан бахши «топонимия» (калимаи юнонии topos «макон», «минтақа» ва onum «ном», яъне номи макону минтақа) дар маънии аслиаш омӯзиши номи манотиқи ҷуғрофӣ, нисбат ба дигар ҷузъҳои худи ҳамин бахш - гидронимия, спелеонимия, дримонимия ва ғайраҳо аз тарафи муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ дақиқтару равшантар таҳқиқ шудааст.

Бояд зикр намуд, ки номҳои ашхос, манотиқ, кӯҳҳо, дарёҳҳо, ҷирмҳои осмонӣ ва ҳар он чизе, ки моро иҳота кардааст, маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа буда, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд ва барои шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни решашиносӣ, калимасозӣ, овозшиносӣ, грамматика, шевашиносӣ, таърихи забон ва дигар қисматҳои забоншиносӣ маводи фаровоне дода метавонад.

Ташаккули забон ба ҳаёт ва таърихи офаринандаи он - халқ алоқаманд мебошад. Ибтидои ҳар як забон ба ташаккули халқият ва гузаштагони он - қабила ва қавму авлод мансубият дорад. Вобаста ба тараққиёти ҷамъият забонҳо низ инкишоф ёфта, забонҳои авлодӣ ба забони қабилавӣ ва забонҳои қабилавӣ ба забонҳои халқӣ ва забонҳои халқӣ ба дараҷаи забонҳои миллӣ мерасанд. Албатта, ин давраҳои инкишофро на ҳамаи забонҳои ҷаҳон тай кардаанд. Ташаккули забони адабӣ дар таърихи инкишофи забон ва халқу миллат марҳилаи муҳим ба шумор меравад. Забони адабӣ категорияи таърихӣ буда, пайдоиши он ба омилҳои зиёди ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст, ки дар байни онҳо хат мавқеи махсус дорад. Вай қисми таркибии тамаддун, маҳсули давлатдорист.

Таркиби номвожаҳои осори Аҳмади Дониш дар омехтагӣ бо ному насаб, куният ва мавзеи ҷуғрофӣ ҷузъҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, номи худи мутафаккир баён гардидааст.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвоҷӯ аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ҷанбаҳои назариявии номшиносии осори Аҳмади Донишро дар бар мегирад. Дар диссератсия мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ ва номшиносӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи хусусиятҳои вижагиҳо ва унсурҳои луғавии топонимҳо, антропонимҳо ва баррасии хусусиятҳои гидронимҳо, оронимҳо ва астронимҳои дар осори Аҳмади Дониш зикргардида, метавонад заминаи муосидро барои фаҳму идроки забоншиносон, ки муҳимтарин василаи ифодакунандаи тасвири забони муҳити атроф мебошад ва масъалаҳои дигар муҳайё месозад. Дар ин масъала дар кори илмии муҳаққиқ равшанӣ андохта мешавад.

Кори таҳқиқотии муҳаққиқ аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон таълиф шудааст. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар қимасти муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳимияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон комилан мувофиқ мебошад.

Муаллиф вобаста ба кори таҳқиқотӣ 9 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд ва 3 мақолаи дигар дар маҷмуаъ ва маҷаллаҳои гуногнуи илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққиқро инъикос намуда, ба мазмун ва муҳтавои диссератсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссератсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шамсудинова Маҳтовбӣ Абдуалимовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ономастикаи осори бадеӣ (дар мисоли осори Аҳмади Дониш)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба 10.02.19 – Назарияи забон мувофиқ доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович**– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои Шурои диссераттсионӣ Каримов Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои дисссертатсионӣ Матробиён С.

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шербоев С.

«4 ноябри» соли 2022

Имзоҳои Ш.Б. Каримов, С.Қ.Матробиён
ва С. Шербоев.-ро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Наҷмуддинов Ш.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонӣ: 734019,** ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода
Тел.: +992 372325000, Факс: +992 372325003.Сомона: www.ddzt.tj